“Маориф ва маданият”,
N 40 (2802), сешанбе, 4 апрели соли 1967, саҳ. 4

# АСАРЕ ДОИР БА ЛАҲҶАИ БУХОРО

Ба қарибӣ ба унвони «Ганҷинаи Ҷомӣ» (кабинети забон ва адабиёти ба номи Ҷомии Университети давлатии Тоҷикистон) аз Эрон як даста туҳфа омад, ки дар байни онҳо асаре оид ба лаҳҷаи Бухоро низ мавҷуд аст.

Асар «Ёддоштҳо дар бораи лаҷҷаи бухороӣ» ном дошта, соли 1342 ҳиҷрии шамсӣ дар Машҳад дарҷ гардидааст. Китоб аз 492 саҳифа иборат буда, ба қалами доктор Аҳмадалӣ Раҷоӣ мутааллиқ мебошад. Муаллиф дар муқаддимаи муфассал (20 саҳифа) шахсияти худ ва зарурати таълифи асарро пурра баён мекунад. Мувофиқи маълумоти сарсухан, дар нимаи асри гузашта яке аз ғуломтозони туркман (манзараи ғуломтозиро аз «Ғуломон»-и устод Айнӣ мулоҳиза фармоед) бобои муаллиф Муҳаммадалиро дар синни тифлӣ аз деҳаи Бож «мерабояд ва ба Бухоро мебарад». Муҳаммадалӣ дар Бухоро дар оилаи марди ҳушманде тарбия ёфта ба камол мерасад ва ба яке аз мансабҳои аморат соҳиб мегардад. Баъди чанд вақт аз Бож бародари Муҳаммадалӣ Раҷабалӣ меояд. Ҳар ду бародар ба духтарони бухороӣ хонадор мешаванд.

Чунон ки Раҷоӣ навиштааст, «дере намегузарад, ки ҳар ду бародар бо фарзандони хеш дар Хуросон фароҳам меоянд ва писару духтари онон, ки падару модари нигорандаанд, бо ҳам пайванди заношуӣ мекунанд».

Бинобар ин, Раҷоӣ аз тифлӣ дар ҳавои сухани бухороӣ парвариш ёфтааст ва ҳамин «ҷиҳот сабаб шуд, ки нигоранда аз ҳангоми хурдӣ бо лаҳҷаи бухороӣ унс ва иртибот ёбад ва оҳанги калимот ва латоифи иборат дар гушу ҷон ва сафҳаи замираш нақш бандад ...”.

Пас муаллиф ба шарҳи зарурати чунин китоб гузашта, қайд мекунад, ки мутолиаи осори бузургони гузаштаи форсизабон барои хонандагони эронӣ душворие дорад, ки он танҳо бо донистани нозукиҳои лаҳҷаи бухороӣ рафъ мегардад. Бояд гуфт, ки Раҷоӣ бештар таҳти ибораи лаҳҷаи “бухороӣ” ҳолатҳои умумии забони адабии имрӯзаи тоҷикиро баён намудааст.

Дар ҳақиқат, хонандагони советии тоҷик осори гаронбаҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол ва дигар бузургони олами адабро назар ба хонандагони муосири эронӣ хеле беҳтару осонтар сарфаҳм меравед. Айнӣ чунин матлабро доктор Раҷоӣ бо мисолҳои зиёде исбот менамояд.

Дар шарҳу тафсири мероси адибони гузашта ҳатто олимони адабиётшиноси эронӣ низ дармондаанд. Ҳамон навъе ки Раҷоӣ қайд кардааст, Маликушшуаро Баҳор “гуҷум”, «ношпотӣ», Саид Нафисӣ «хавоза», доктор Фаёз «хайрият», Ризавӣ ва Фурузонфар «манҳий», Фурӯзонфар ва Муин «форидан», Фуруғӣ ва Ғанӣ «пӯшт-пӯшт»-ро, ки дар осори Наршахӣ (тарҷимаи Кубови), Хайём, Саъдӣ ва дигарон кор фармуда шудаанд, нафаҳмидаанд, ҳол он ки таъбирҳои зикрёфта барои ҳамаи хонандагони тоҷикзабон, аз ҷумла аҳли Бухоро мафҳуму дастрасанд.

Раҷоӣ саҳви дигари Баҳорро, ки гуё мардуми Бухоро гурӯҳи феълҳои замони ҳозира-оянда (шахси II)-ро ҳамчун «равед-мӣ?», «хӯред-мӣ?» мегуфта бошанд, ислоҳ менамояд. Дар лаҳҷаи бухороӣ,- менависад муаллиф, «мехӯред-мӣ?», “меред-мӣ?” (мухаффафи «меравед-мӣ?») мегуянд, на «равед-мӣ?», «хуред-мӣ?».

Доктор Морин Мавла дар чунин фикр аст, ки гӯё гурӯҳи феълҳои «карден», «гуфтен» дар лаҳҷаи бухороӣ баробари «карданд», «гуфтанд»-и забони адабист. Раҷоӣ нишон медиҳад, ки ин ақида сареҳ нест ва тири калимаҳои «гуфтен», «карден» дар забони адабӣ мувофиқи «гуфтаанд», «кардаанд» мебошанд.

Муаллифи асар омӯхтани лаҳчаи бухороиро хеле фоидабахш ва зарур мешуморад. У чунин изҳори ақида мекунад, ки донистани лаҳчаи бухороиён барои дурусттар фаҳмидани латофати забони дарӣ воситаи беҳад хубест, зеро хусусиятҳои асосии он забон танҳо дар ватани худ (мувофиқи нишондоди - олимони советӣ ва дигар донишмандони мамлакатҳои бегона, ба мисли Баҳор, Саид Нафисӣ забони дарӣ маҳз дар Бухоро ба вучуд омадааст) алҳол маҳфуз мебошад.

«Иноят ба лаҳҷаи бухороиён, мегуяд доктор Раҷоӣ, - на танҳо аз он руй аст, ки истилоҳот ва талаффузи хоси мардуми он сомон дониста шавад, балки ин амр сабаб хоҳад шуд, ки беш аз пеш аз чеҳраи зебои забони дарӣ парда ба як су равад».

Дар асар калимаву ибора ва ҷумлаҳои бисёре оварда шудаанд, ки онҳо хусусиятҳои гуногуни овозӣ ва маънавии лаҳҷаи бухороиро таҷассум намудаанд.

Асари Раҷоӣ барои хонандагони эронӣ дар роҳи омузиши асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс, барои дурусту бехато хондани суханони он бузургон дастури хуби илмиву амалӣ ба шумор меравад.

Умуман, асари Аҳмадали Раҷоӣ - «Ёддоштҳо дар бораи лаҳчаи бухороӣ» барои донишҷӯёну омузгорони мактабҳои олӣ, забоншиносону адабиётшиносон аз ҳар ҷиҳат судманд аст.

**Раҳими ҚУБОДИЁНӢ**

„Маориф ва маданият“
№40(2802), сешанбе 4 апрели соли 1967, саҳ. 4



# АСАРЕ ДОИР БА ЛАҲҶАИ БУХОРО

БА ҚАРИБӢ ба унвони «Ганҷинаи Ҷомӣ» (кабинети забон ва адабиёти ба номи Ҷомии Университети давлатии Тоҷикистон) аз Эрон як даста туҳфа омад, ки дар байни онҳо асаре оид ба лаҳҷаи Бухоро низ мавҷуд аст.

Асар «Ёддоштҳо дар бораи лаҳҷаи бухороӣ» ном дошта, соли 1342 ҳиҷрии шамсӣ дар Машҳад дарҷ гардидааст. Китоб аз 492 саҳифа иборат буда, ба қалами доктор Аҳмадалӣ Раҷоӣ мутааллиқ мебошад. Муаллиф дар муқаддимаи муфассал (20 саҳифа) шахсияти худ ва заруратн таълифи асарро пурра баён мекунад. Мувофиқи маълумоти сарсухан, дар ниман асри гузашта яке аз ғуломтозони туркман (мавзарон ғуломтозиро аз «Ғуломон»-и устод Айнӣ мулоҳиза фармоед) бобои муаллиф — Муҳаммадалиро дар синни тифлӣ аз деҳаи Бож «мерабояд ва ба Бухоро мебарад». Муҳаммадалӣ дар Бухоро дар оилаи марди хушмайнде тарбия ёфта ба камол мерасад ва ба яке аз мансабҳои амоpат соҳиб мегардад. Баъди чанд вақт аз Бож бародари Муҳаммадалӣ — Раҷабалӣ меояд. Ҳар ду бародар ба духтарони бухороӣ хонадор мешаванд.

Чунон ки Раҷоӣ навиштааст, «дере намегузарад, ки ҳар ду бародар бо фарзандони хеш дар Хуросон фароҳам меоянд ва писару духтари онон, ки падару модари нигорандаанд, бо ҳам пайванди заношуӣ мекунанд».

Бинобар ин, Раҷоӣ аз тифлӣ дар ҳавои сухани бухороӣ парвариш ёфтааст ва ҳамин «ҷиҳат сабаб шуд, ки нигоранда аз ҳангоми хурдӣ бо лаҳҷаи бухороӣ унс ва иртибот ёбад ва оҳанги калимот ва латоифи иборат дар гӯшу ҷон ва сафҳаи замираш нақш бандад»...

Пас муаллиф ба шарҳи зарурати чунин китоб гузашта, қайд мекунад, ки мутолиаи осори бузургони гузаштаи форсизабон барои хонандагони эронӣ душворие дорад, ки он танҳо бо донистани нозукиҳои лаҳҷаи бухороӣ рафъ мегардад. Бояд гуфт, ки Раҷоӣ бештар таҳти иборай «лаҳҷаи бухороӣ» ҳолатҳои умумии забони адабии имрӯзаи тоҷикро баён намудааст.

Дар ҳақиқат, хонандагони советии тоҷик осори гаронбаҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол ва дигар бузургони олами адабро назар ба хонандагони муосири эронӣ хеле беҳтару осонтар сарфаҳм мераванд. Айни чунин матлабро доктор Раҷоӣ бо мисолҳои зиёде исбот менамояд.

Дар шарҳу тафсири мероси адибони гузашта ҳатто олимони адабиётшиноси эронӣ низ дармондаанд. Ҳамон навъе ки Раҷоӣ қайд кардааст, Маликушшуаро Баҳор «гуҷум», «нешпотӣ», Саид Нафисӣ «хавоза», доктор Фаёз «хайрият», Ризавӣ ва Фурӯзонфар «малҳи», Фурӯзонфар ва Муин «форидан», Фурӯғӣ ва Ганӣ «пӯшт-пушт»-ро, ки дар осори Наршахӣ (тарҷимаи Кубовӣ), Хайём, Саъдӣ ва дигарон кор фармуда шудаанд, нафаҳмидаанд, ҳол он ки таъбирҳои зикрьёфта барои ҳамаи хонандагони тоҷикзабон, аз ҷумла аҳли Бухоро мафҳуму дастрасанд.

Раҷоӣ саҳви дигари Баҳорро, ки гӯё мардуми Бухоро гурӯҳи феълҳои замони ҳозира-ояндаи (шахси II)-ро ҳамчун «равед-мӣ?», «хуред-мӣ?» мегуфта бошанд, ислоҳ менамояд. «Дар лаҳҷаи бухороӣ, — менависад муаллиф, — «мехӯред-мӣ?», «меред-мӣ?» (мухаффафи «меравед-мӣ?») мегӯянд, на «равед-мӣ?», «хӯред-мӣ?».

Доктор Морин Мавла дар чунин фикр аст, ки гӯё гурӯҳи феълҳои «кардеп», «гуфтен» дар лаҳҷаи бухороӣ баробари «карданд», «гуфтанд»-и забони адабист. Аммо Раҷоӣ нишон медиҳад, ки ин ақида сареҳ нест ва тири калимаҳои «гуфтен», «карден» дар забони адабӣ мувофиқи «гуфтаанд», «кардаанд» мебошанд.

Муаллифи асар омӯхтани лаҳҷаи бухороиро хеле фоидабахш ва зарур мешуморад. Ӯ чунин изҳори ақида мекунад, ки донистани лаҳҷаи бухороиён барои дурустар фаҳмидани латофати забони дарӣ воситаи беҳад хубест, зеро хусусиятҳои асосии он забон танҳо дар ватани худ (мувофиқи нишондоди олимони советӣ ва дигар донишмандони мамлакатҳои бегона, ба мисли Баҳор, Саид Нафисӣ забони дарӣ маҳз дар Бухоро ба вуҷуд омадааст) алҳол маҳфуз мебошад.

«Иноят ба лаҳҷаи бухороиён, — мегӯяд доктор Раҷоӣ, — на танҳо аз он рӯй аст, ки истилоҳот ва талаффузи хоси мардуми он сомон дониста шавад, балки ин амр сабаб хоҳад шуд, ки беш аз пеш аз чеҳраи зебои забони дарӣ парда ба як сӯ равад».

Дар асар калимаву ибора ва ҷумлаҳои бисьёре оварда шудаанд, ки онҳо хусусиятҳои гуногуни овозӣ ва маънавии лаҳҷаи бухороиро таҷассум намудаанд.

Асари Раҷоӣ барои хонандагони эронӣ дар роҳи омӯзиши асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс, барои дурусту бехато хондани суханони он бузургон дастури хуби илмиву амалӣ ба шумор меравад.

Умуман, асари Аҳмадалӣ Раҷоӣ — «Ёддоштҳо дар бораи лаҳҷаи бухороӣ» барои донишҷӯёну омӯзгорони мактабҳои олӣ, забоншиносону адабиётшиносон аз ҳар ҷиҳат судманд аст.

Раҳими ҚУБОДИЁНӢ.